«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Ҳушвахтзода Қ.Х.
«6» 06 2022 с.

ХУЛОСАИ
шӯрои олимони факултети таърихи Донишгохи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Шоинбеков Фируз Нағзибекович дар мавзуи «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) 1946-2020» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.06. - Бостоншиносӣ мутобиқат менамояд.

Дар давраи омодасозии рисолаи илмӣ унвонҷӯ Шоинбеков Фируз Нағзибекович ба ҳайси муаллими калон дар кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекард. Аз соли 2014 унвонҷӯи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Роҳбари илмӣ - Якубов Юсуфшоҳ, доктори илмҳои таърих, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Дар муҳокимаи рисола д.и.т., профессор Р. Я. Шарифов, д.и.т., профессор Қ. Расулиён, д.и.т., профессор С. К. Муллоҷонов, д.и.т., профессор З. И. Акрамов, д.и.т., профессор М. Ф. Зикриёева, д.и.т., дотсент Т. Турсунов, н.и.т., дотсент С. У. Асоев, н.и.т., дотсент Ҷ. О. Асрориён, н.и.ф., дотсент Т. Ғуломов, н.и.т., дотсент Г. Иброҳимова, н.и.т., дотсент С. Шарофиддинов, н.и.т., муаллими калон Ҷ. С. Шарипов, н.и.т., дотсент Ғ. Шоев, н.и.т., муаллими калон Ф. Раҳимов иштирок доштанд.

Ба ҳайси муқарризони холис н.и.т. дотсент Асрориён Ҷ. О. ва н.и.т. Г. Р. Каримова баромад намуданд.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсияи Шоинбеков Фируз нахустин таҳқиқоти муфассал роҷеъ ба омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (солҳои 1946-2020) ба шумор меравад. Мавзуъ аз ҷониби диссертант бо фарогирии ҷиҳатҳои гуногунаш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Мубрамии мавзӯъ. Дар замони Шӯравӣ баробари рушди илмҳои дигар, соҳаи археология низ инкишоф меёфт ва дар тамоми қаламрави он майдонҳои ҳафриёти археологӣ густариш пайдо карданд. Помир, ки гӯшаи аз ҳама дурдаст ба ҳисоб мерафт, аз мавҷи фарогири ҷараёни таҳқиқоти бостоншиносии мактаби шуҳратёри Иттиҳоди Шӯравӣ дар канор намонд. Тавре ки маълум аст, он замон дар Помир чандин ёдгориҳои дорои аҳаммияти зиёди илмӣ ва таърихӣ, аз қабили бошишгоҳи Ошхона (бо маданияти ба худ хоси бо номи Маркансу), силсилағорҳо ва калпҳои замони мезолитӣ бо қабатҳои сиҳати маданӣ, сангнигораҳои Ғори Шахта бо тасвирҳои рангӣ, гӯрхонаҳо бо маросимҳои махсуси дафн кардан ва сангнигораҳои даври биринҷ кашф ва таҳқиқ шуданд. Инчунин, ёдгориҳои дигари таърихӣ, монанди истеҳкомҳои дифоӣ, петроглифҳои маҷмаавии Лангаркишт, қӯрғонҳои сакоиҳо дар Помири Шарқӣ ва Ғарбӣ, силсилаи ёдгориҳо дар водии Вахон, конҳои қадима ва маскангоҳҳои маъданканон дар мисоли шаҳраки Бозордара дар назди кони нуқраи Оқчилга ва ғайра диққати муҳаққиқони ин соҳаро ба худ ҷалб кардааст.

Ҷиҳатҳои мубрами мавзуъро метавон чунин тавзеҳ дод:

1. Экспедитсия ва гурӯҳҳои бостоншиносӣ дар омӯзиши ёдгориҳои археологӣ саҳми арзанда дошта, дар шароити мушкили ҷуғрофии Помир кашфиёти арзишманди археологиро ба анҷом расондаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносии кӯҳистони Помир асару мақолаҳои зиёди илмӣ навишта шуданд, ки онҳо дар омӯзиши минбаъдаи таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ ва симошиносӣ ва дигар бахшҳои таърихи ин минтақа саҳми босазо гузоштаанд; 2. Аз назари таҳлили илмӣ бисёр масъалаҳои мубрами археологияи Помир, монанди рӯйдодҳои аҳди санг, биринҷ ва замони сакоиҳо бояд аз диди нав таҳқиқ шаванд; 3. Дар баробари таҳлили осори олимони бостоншинос дар рисола дар робита ба ёдгориҳои археологии Помир таҳқиқоти саҳроии муаллифи рисола низ ҷой дода шуданд, ки дар асоси онҳо як қатор масъалаҳои норавшани таърих ва археологияи Помир ҳалли худро пайдо намудаанд; 4. Баъзе муҳаққиқон нақши маданиятҳои қадими водиҳои баландкӯҳро дар пайдоиши тамаддунҳои бузург сарфи назар мекунанд. Аммо натиҷаи омӯзиши бостоншиносии Помир нишон дод, ки бошандагони кӯҳистони Осиё, аз ҷумла Бадахшон, дар ташаккули тамаддунҳои бузурги минтақа саҳмгузор буданд ва омӯзиши таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ бе таҳқиқи ёдгориҳои археологии вилояти *мазкур имконнопазир аст.*

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ. Мавзуи «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) 1946-2020» ба таври комил ва

дар алоҳида то ҳанӯз таҳқиқ нашудааст ва муаллифи рисола бори аввал бо истифодаи натиҷаи таҳқиқотҳои бостоншиносӣ, гузаронидани ҳафриётҳои бостоншиносӣ дар ёдгориҳои археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, мушоҳидаҳои илмӣ, гузаронидани ҷустуҷӯҳои археологӣ, масъалаҳои археологияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) -ро дар солҳои 1946-2020 таҳлил ва қиёс намудааст.

Таҳлили асару мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни мавзуи мавриди назар то кунун дар ин росто масъалаҳои баҳсталаби зиёде боқӣ мондаанд. Бино бар ин, барои таҳқиқи куллии мавзуи мазкур зарурати таълифи як рисола ё асари ҷудогонаи илмӣ ба миён омадааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки муаллиф бори нахуст дар таърих масоили пурбаҳси археологияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) - ро дар солҳои 1946–2020 мавриди омӯзиш ва таҳлили бунёдӣ қарор дода, фикру ақидаҳои илмии худро пешниҳод кардааст. Муаллиф аз таҳқиқоти хеш илман дуруст натиҷагирӣ намуда, тавсияҳои амалии беҳбуднамоии роҳҳои ояндаи ҳали масоили археологии давраи санг, биринҷ, ва сакоиҳои Помирро дар омӯзиши минбаъдаи таърихи халқи тоҷик баён намудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ аз он иборат аст, ки маводи диссертатсия барои муаррихон, бостоншиносон, таърихнигорон, донишҷӯён ва он нафароне, ки ба таърихи халқи тоҷик ва таъриху бостоншиносии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) таваҷҷӯҳ доранд, тавсия карда мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ. Муҳтаво ва мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводду санадҳои рисоларо метавон дар таълифи асарҳои ҷамъбастӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик, инчунин, барои хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Бостоншиносии давраи санг», «Бостоншиносии давраи биринҷ ва ибтидои асри оҳан», «Таърихнигории археологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври васеъ истифода кард. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои калидии таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёнаи тоҷик ва Осиёи Марказӣ хеле муфид мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нуктаҳои асосии ба ҳимояи пешниҳодшаванда ва тавсияҳо барои хубтар дарк кардани масоили бостоншиносии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир), аз ҷумла масъалаҳои давраи санг, биринҷ, давраи сакоиҳо ва петроглифҳо, усулҳои омӯзиши ёдгориҳои бостонӣ, нақши онҳо дар омӯзиши таърихи ориёиҳо-тоҷикон,

беҳтар кардани ҳифзи ёдгориҳои бостонии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, инъикос ёфтаанд.

Иштирок дар корҳои саҳрой-бостоншиносӣ, Муаллиф дар экспедитсияҳои археологӣ дар ҳафриёти қалъаи Ямчун дар соли 2016, қалъаи Қаҳқаҳа (2016) ғорҳо ва маъбади Вранг (2016) Карон (2016, 2019, 2020), ва дар дигар экспедитсияҳои археологӣ дар қалъаи Ҳисор (2014) Шаҳртеппаи Фархор (2014, 2015, 2016, 2017), Саразм (2019), шаҳраки Сайёди н. А. Ҷомӣ (2021) ва Кангуртут (2021) иштирок намуда, маводи ҷамъовардаро дар навиштани рисола васеъ истифода намудааст. Натиҷаи корҳои саҳрой дар маҷаллаҳои илмии дохил ва хориҷи кишвар низ нашр шудааст.

Мазмуни кори диссертатсионӣ дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда, ки КОА Вазорати маориф ва илми Федратсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст, инъикоси худро ёфтааст:

1. Шоинбеков Ф. Аз таърихи омӯзиши ёдгориҳои археологии Помир [Матн] / Ф. Шоинбеков // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – 2015. – №5 (66). – С. 253-255.
2. Шоинбеков Ф. Саҳми профессор А.Ҷ.Бобоев дар омӯзиши ёдгориҳои археологии Помири Ғарбӣ [Матн] / Ф. Шоинбеков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №6. – С.46-50.
3. Шоинбеков Ф. А.Н.Бернштам нахусткашшофи ёдгориҳои археологии Помир [Матн] / Ф. Шоинбеков // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №4 (012). – С.78-81.
4. Якубов Ю., Шоинбеков Ф. Цитадель Ямчун (о работах Ишкашимского археологического отряда в 2016 г.) [Текст] / Ю. Якубов, Ф. Шоинбеков // Доклады Национальной академии наук Таджикистана. – 2021. – №1 (013). – С.43-50.

Қарор қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи Шоинбеков Фируз Нағзибекович дар мавзуи «Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) 1946-2020» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ва ба талаботи банди 53 «Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-июни соли 2021 таҳти № 67 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Рисолаи диссертатсионии Шоинбеков Фируз Нағзибекович дар мавзуи **«Омӯзиши археологии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) 1946-2020»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи

ихтисоси 07.00.06. - Бостоншиносӣ ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-024 пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети таърихи ДМТ қабул гардид.

Иштирок дошт: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-15 нафар, «зид»-нест, «бетараф» - нест.

Қарори №2 аз 02.06. 2022

Қарор кабул карда шуд: якдилона

Раиси маҷлис декани факултети
Таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.т., профессор — Шарифов Р.Я.

Котиби маҷлис, муаллими калони кафедраи
таърихи халқи тоҷик, н.и.т. — Шарипов Ҷ.

Номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон — Асрориён Ҷ.О.

Номзади илмҳои таърих,
ходими илмии Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АМИТ — Каримова Г.Р.

«Тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ
«6» 06. 2022 — Тавқиев Э. Ш.

Имзои Каримова Г.Р. – ро тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи
А.Дониши АМИТ — Файзуллоева Г.